**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Амонов Салохуддин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои шоҳномахонӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод мегардад**

Солҳои охир, дар фазои маънавию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чорабиниҳо ва озмунҳои зиёде, аз қабили «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» баргузор мешаванд. Ҳадафи асосии ин иқдомҳо - ташаккули ҳисси баланди худшиносии миллӣ, эҳёи арзишҳои фарҳангиву таърихӣ, шиносоӣ бо хазинаи хиради ниёгон ва арҷгузорӣ ба осори безаволи адабиёти классикӣ мебошад.

Дар ҳамин замина, диссертатсияи Амонов Салохуддин ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогика - ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути воситаҳои таълиму тарбия ва махсусан маҳфилҳои шоҳномахонӣ бахшида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқот - ба таври назариявию таҷрибавӣ асоснок намудани модели ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» мебошад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф заминаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва педагогии масъалаи худшиносии миллӣ, нақши осори классикӣ ва махсусан «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсиро дар ин ҷараён мавриди таҳлил қарор додааст.

Таҳқиқоти Амонов Салохуддин дорои навоварӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, дар он равишҳои муосири педагогикаи иҷтимоӣ, усулҳои тадқиқоти амалӣ ва таҷрибаҳои озмоишӣ истифода шудаанд.

Муаллиф тавонистааст муносибати илмӣ ва методикии ташаккули худшиносии миллиро тавассути маҳфилҳои таълимӣ нишон диҳад ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро бо мисолҳои мушаххас асоснок намояд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, донишҷӯёни ихтисоси педагогика ва инчунин барои таҳияи барномаҳои тарбиявӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки модели иҷтимоиву педагогии таҳияшудаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», инчунин шаклҳо, воситаҳо ва методҳои ин раванд, метавонанд дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ васеъ истифода шаванд. Хусусан, ин модел ва тавсияҳо метавонанд дар ташкил ва пешбурди маҳфилҳои фаннӣ, берунazсинфӣ ва беруназмактабӣ, инчунин дар дарсҳои тарбиявӣ ва корҳои иловагии омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо самаранок татбиқ гарданд.

Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии амсилаи таҳияшударо тасдиқ карданд: афзоиши устувори таваҷҷуҳи хонандагон ба фарҳанги миллӣ, баланд гардидани сатҳи муносибатҳои ватандӯстона ва шаҳрвандӣ, инчунин эҳсоси ҳувият ва эҳтиром ба забон ва анъанаҳои модарӣ ба қайд гирифта шуданд.

Таҷрибаи педагогии дар доираи тадқиқот гузаронидашуда нишон додааст, ки сатҳи ташаккули худшиносии миллӣ дар хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ баланд аст.

Бо вуҷуди натиҷаҳои хуб, дар диссертатсия чунин камбуди ба назар мерасанд:

1. Натиҷаҳои таҷрибавӣ метавонистанд бо ҷадвалҳо ва таҳлили оморӣ муфассалтар пешниҳод гарданд.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати мазмун, сохтор, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти амалии худ пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти арзиши илмӣ ва амалии кори пешниҳодшуда, муаллиф Амонов Салохуддин сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) арзанда мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд" – и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" Азимова Назира Самадовна

Суроға: 735000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 4-5,
кӯчаи Ваҳдати миллӣ, ҳавлии 30.
Телефон: (+992) 92-707-71-07.
E-mail: nazira-tgu@mail.ru

*"Имзои Азимова Н.С." – ро тасдиқ менамоям"*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд" – и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" Раҳимов Н.И.

Суроға: 735716, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
Тел: +992 37234 88 02;
E-mail: bitesk_ips@mail.ru